# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

БАРНОМАИ
ТАЪЛИМӢ ОИД БА КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МУДИРОНИ КИТОБХОНАИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Душанбе – 2023

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30.11.2023 №11/9 тасдиқ шудааст.

**Мураттиб: Холназаров Имомназар-** омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маориф

**Муқарриз:**
**Лутфуллоева З.М.,** мудири китобхонаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ.
**Нодиров Бой**, мудири шуъбаи хадамоти методии таҳсилоти умумии МТМ назди Вазорати маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муҳаррир: Шердилова Сурайё-** омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маориф

Барномаи таълимии мазкур бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии мудирони китобхонаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва бо дарназардошти назария ва амалияи муосири китобдорӣ ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия гардидааст. Татбиқи барнома тавассути воситаҳои нави таълим (слайдҳо, филмҳои таълимӣ ва ғ.) ҷараён мегирад.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси мудирони китобхонаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ шудааст.

# ПЕШГУФТОР

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси мудирони китобхонаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳаҷми 54 соат (танҳо барои тахассус) таҳия шудааст.

Барномаи намунавии таълимӣ оид ба курси такмили ихтисоси мудирони китобхонаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф ва илми ҶТ» (2013 с.), Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, Низомнома ва Оинномаи ДҶТИБКСМ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар таҳия гардидааст.

Мақсади асосии барнома баланд намудан ва сайқал додани маҳорати касбии мудирони китобхонаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нави илми-педагогӣ дар ин соҳа, роҳу усулҳои нави китобдорӣ, бо истифодаи усулҳои нави инноватсионии китобдорӣ мебошад.

Бо сабаби васеъ истифода шудани воситаҳои нави иттилоотӣ шунавандагон дар ҷараёни курс маҳорати истифодаи ин воситаҳоро низ пайдо мекунанд. Донистани усулҳои гуногун барои мудирони китобхонаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ, таҳлил ва муқоисаи онҳо бо ҳамдигар ба мудирони китобхонаҳо имконият медиҳад, ки дар раванди кори худ метавонад ин ё он усулро интихоб намуда, дониш ва малакаи худро дар ташкили кори китобдорӣ баланд бардоранд ва мукаммал созанд.

Нақша-барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим -** мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мавзӯъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути аз худ кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

3. **Фаъолияти таълим -** аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа аз худ карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт -** вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси мудирони китобхонаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

– сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода, фаъолияти китобдориро дар асоси он ба роҳ монда тавонанд;

– навгониҳои соҳаи китобдориро донанд ва амалан татбиқ намоянд;

– дар бораи пайдоиши китобхона дар сарзамини тоҷикон маълумот пайдо кунанд;

– доир ба фаъолияти китобдорӣ ва ташкилу гузаронидани чорабиниҳои гуногун нақша таҳия карда тавонанд;

– роҳҳои ғанӣ гардонидани фонди китобхонаро ҷустуҷӯ намоянд;

– феҳрасти китобхонаро ташкил карда тавонанд;

– қоидаҳои умумии тартибдиҳии тасвири библиографиро донанд;

– роҳ ва усулҳои истифодабарии нишондиҳандаҳои библиографиро риоя намоянд;

– дар фаъолияти китобдорӣ технологияи иттилоотӣ ва комуникатсиониро истифода бурда тавонад;

– тартиби қабул кардан, ба иҷора додан, ҷамъоварии маблағ ва дар охири соли хониш бозпас гирифтани китобҳои дарсиро донад;

– дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои гуногун бо роҳбарони синфҳо, созмони хонандагон, муовини директор оид ба тарбия ва омузгорону волидайн ҳамкориро ба роҳ монда тавонад;

– барои ҷалби хонандагон ба китобхона ва китобхонӣ чорабиниҳои зарурӣ ташкил карда тавонанд

– дар байни хонандагон баҳри ҷалби онҳо ба китобхонӣ озмунҳои гуногун ташкил карда тавонанд;

– китобхонҳои беҳтаринро ҳавасманд карда тавонанд;

бо дигар китобхонаҳо ҳамкориро ба роҳ монда тавонанд.

Талаботи мазкур тавассути тести (санҷиши) ҷамъбастӣ арзёбӣ шуда, ба иштирокчии курс холи муайян гузошта мешавад. Бо дарназардошти натиҷаи тести ҷамъбастӣ аз хатми курси мазкур ба иштирокчиён шаҳодатнома дода мешавад.

**Талабот ба сатҳи тайёр намудани шунавандагон**

Пас аз хатми курс шунаванда бояд:

•моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи китобдорӣ;

•талаботи ба иҷора додани китобҳои дарсӣ;

•асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;

•истифодаи технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорӣ;

•моҳият, хусусият ва усулҳои ҷалби хонандагонро ба китобхона ва китобхонӣ донад.

**Салоҳият:**

-таҳлил карда тавонистани фаъолияти касбии худ бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ;

-ҳуҷҷатгузории китобдор ва китобхонаро донад ва таҳия карда тавонад;

-нақшаи фаъолияти солонаи китобдорро таҳия карда тавонад;

-тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсиро донад ва риоя намояд;

-барои ғанӣ гардонидани фонди китобхона чораҷӯӣ карда тавонад;

-баҳри ҷалби хонандагон ба китобхона ва китобхонӣ чорабиниҳои гуногун ташкил карда тавонад;

-технологияи иттилоотиву коммуникатсиониро дар раванди фаъолияташ истифода бурда тавонад;

-феҳрасти китобхонаро ташкил карда тавонад;

-ҳамкориро бо қитобхонаҳои дигар ба рох монда тавонад;

-табодули таҷриба карда тавонад;

-дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои гуногун саҳм гузошта тавонад

**Малакаҳои зеринро дошта бошанд:**

•технологияи муосири педагогии таълими фаннҳо;

•истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳалли барномаҳои касбӣ;

•методологияи тарҳи истифодаи ТИК.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба барномаи мазкур ба Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ирсол намоянд.

# НАҚШАИ

## таълимии курси такмили ихтисоси мудирони китобхонаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| **2.** | **Тахассус, такмили маҳорати касбӣ** | **54** | **22** | **32** |
| 3. | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4. | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5. | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7. | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **72** | **30** | **42** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси мудирони китобхонаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | **Китобдорӣ** | **54** | **22** | **32** |
| 1.1. | Маълумоти умумӣ дар бораи пайдоиши китобхона дар сарзамини тоҷикон | 4 | 3 | 1 |
| 1.2. | Вазифаҳои китобхонаи мактабӣ | 4 | 1 | 3 |
| 1.3. | Фонди китобхона, усулҳои ташкил ва истифодаи он | 4 | 2 | 2 |
| 1.4. | Феҳрасти китобхона, усулҳои ташкил ва истифодабарии он | 4 | 2 | 2 |
| 1.5. | Фаъолияти бақайдгирии китобхона | 2 | 2 | 2 |
| 1.6. | Ташкили корҳои инфиродӣ ва оммавӣ дар китобхонаи мактабӣ | 4 | 2 | 2 |
| 1.7. | Роҳ ва усулҳои истифодабарии нишондиҳандаҳои библиографӣ | 4 | 2 | 2 |
| 1.8. | Тасвири библиографӣ ва қоидаҳои умумии тартибдиҳии он | 4 | 1 | 3 |
| 1.9. | Дастгоҳи маълумотдиҳӣ библиографии китобхонаи мактабӣ бо хонандагон | 4 | 2 | 2 |
| 1.10. | Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | 6 | 2 | 4 |
| 1.11 | Тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гардони китобҳои дарсӣ | 4 | 2 | 2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.12. | Саҳми китобдор дар пешгирии қонуншиканӣ , ҷинояткорӣ ва шомилшавии ноболиғону наврасон ба гурӯҳҳои террористиву ифродгароӣ | 4 | 2 | 2 |
| 113. | Хизматрасонии библиографӣ дар китобхонаи мактабӣ бо хонандагон. Ҳуҷҷатнигории мудири китобхона. | 4 | 1 | 3 |
| 1.14. | Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | 6 | 2 | 4 |
| 2. | **Мавзуъҳои иловагӣ** | | | |
| 2.1. | Кори якҷояи китобхонаи мактабӣ бо ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгор | 4 | 2 | 2 |
| 2.2. | Истифодаи воситаҳои техникӣ ва техникаи навтарин дар кори китобхона | 6 | 2 | 4 |
| 2.3. | Шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадами китобхонаи ҷумҳуриявӣ ва мактабӣ (кори амалӣ) | 4 | 2 | 2 |
| | **Ҳамагӣ** | 14 | 6 | 8 |

## 1. Китобдорӣ (тахассус – 54 соат)

**Мавзуи 1.1 (4 соат). Маълумоти умумӣ дар бораи пайдоиши китобхона дар сарзамини тоҷикон**

Китобхона ҳамчун ҷузъи муҳими фарҳанги ҷомеа, нақши он дар пешбурди маданияти халқ. Маълумоти таърихӣ оид ба пайдоиши аввалин китобхонаҳо дар сарзамини тоҷикон. Китоб ва китобдорӣ дар аҳди Сомониён. Ибни Сино оид ба китобхонаи дарбори Сомониён. Классикони адабиёти тоҷик дар бораи китоб ҳамчун сарчашмаи дониш ва нақши китобдорон дар тарғиби илму дониш: Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи китоб. Таъсисёбии аввалин мактабҳои китобдории тоҷик.

Намудҳои китобхона: илмӣ, оммавӣ, махсус (мактабӣ). Китобхонаи миллии Тоҷикистон. Китобхонаи ҷумҳуриявии бачагона ба номи Мирсаид Миршакар.

**Мавзуи 1.2 (4 соат). Вазифаҳои китобхонаи мактабӣ**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ва меъёрӣ. Инъикоси манфиатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маърифатии ҷамъият ва таълиму тарбияи насли наврас дар он. Характери дастурӣ, ҳатман иҷрошавандагии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Нақши китобхонаи мактабӣ дар татбиқи талаботи қонуни мазкур, дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим ва тарбияи насли наврас. Китобхона- маркази илму дониш ва фарҳангу маданият дар мактаб. Китобдор –тарғиботчии илму дониш ва фарҳангу маданият дар кори ба роҳ мондани кори таълиму тарбия ва ба даст овардани дараҷаи баланди азхудкунии фанҳои таълимӣ.

**Мавзуи 1.3 (4 соат). Фонди китобхона, усулҳои ташкил ва истифодаи он**

Мафҳуми фонди китобхона. Ташаккули фонди китобхона ва андешаҳо перомуни он. Пуррагардонии фонди китобхона ва сарчашмаҳои он. Истифодаи имкониятҳои созмонҳои байналмиллалӣ ва падару модарони талабагон дар пуррагардонии фонди китобхона. Баҳисобгирӣ ва ҳифзи фонди китобхона. Сохтор ва идораи фонди китобхона. Роҳҳои таблиғи китоб дар байни хонандагони мактаб. Фонди электронии китобхона ва аҳамияти он. Кори мустақилон.

**Мавзуи 1.4 (4 соат). Феҳрасти китобхона, усулҳои ташкил ва истифодабарии он**

Феҳрастҳо ва намудҳои он: алифбоӣ, мураттабӣ, предметӣ (фаннӣ). Шаклҳои феҳрист: китобӣ, баргакӣ, мошинхонӣ (электронӣ). Тарзҳои алифбоии ҷобаҷогузории асарҳои чопӣ дар феҳристҳо. Истифодаи феҳрасти предметӣ (фаннӣ) дар китобхонаи мактабӣ. Феҳристи китобхонаи мактабӣ (бачагона) ва фарқияти он аз китобхонаҳои оммавӣ;

**Мавзуи 1.5. (2соат) Фаъолияти бақайдгирии китобхона**

Бақайдгирии фонди китобхона. Омӯзиши роҳҳои назорат намудани ҷараёни додугирифти китобҳо ва асноди дигари китобхона. Бақайдгирии библиографии асарҳо аз рӯи соҳаҳои дониш.

**Мавзуи 1.6 (4соат). Ташкили корҳои инфиродӣ ва оммавӣ дар китобхонаи мактабӣ**

Кори инфиродӣ бо хонандагон-асоси фаъолияти тарбиявии китобхона. Ба инобатгирии хислатҳои равонии хонандагон (диққат, эҳсос, тасаввур, хотира, идрок ва ғайра) дар раванди кори инфиродӣ. Шаклҳои кори инфиродӣ: сӯҳбати инфиродӣ, иттилоои инфиродӣ, нақшаи хониши инфиродӣ. Истифодаи почтаи электронӣ ва телефон дар кори инфиродӣ. Кори инфиродӣ дар раванди хизматрасонии китобхонаи мактаб (тавсияи китоб, қабули китоби хондашуда, пеш аз имтиҳонот ва чорабиниҳои оммавӣ, берун аз китобхона). Зарурат ва аҳамияти чорабиниҳои оммавӣ дар тарғиби китоб, ҷалб намудани хонандагони нав. Аҳамияти чорабиниҳои таҳлилӣ дар инкишофи нутқ ва фикррониии таҳлилӣ. Чорабиниҳои оммавӣ ҳамчун шакли ташкили фароғати мактаббачагон. Шаклҳои кори оммавӣ. Истифодаи технологияи компютерӣ ва воситаҳои дигари техникӣ дар раванди баргузории чорабиниҳои китобхонавӣ.

**Мавзуи 1.7 (4 соат). Роҳ ва усулҳои истифодабарии нишондиҳандаҳои библиографӣ**

Самтҳои асосӣ ва роҳҳои истифодабарии ахбори библиографӣ. Хусусиятҳои ҷустуҷӯи библиографӣ ва омилҳои психологию мантиқии он. Мақоми библиограф дар қонеъ намудани талаботи библиографии талабагон. Усулҳои ҷустуҷӯи библиографӣ: муайянсозии алоқаи асноди (ҳуҷҷатҳои) ҷустуҷӯшаванда бо маҷмӯи ҳуҷҷатҳо. Коркарди услуби таҳлили дастурҳои библиографӣ вобаста ба шакл ва навъи нишондиҳандаҳои библиографӣ. Нишондиҳандаҳои ёрирасони дастурҳо ва мақоми онҳо дар ҷустуҷӯи фаврии маводи дахлдор. Таҳлили нишондиҳандаҳои библиографӣ. Риояи қоидаҳои муқарарашудаи ҷустуҷӯҳои библиографӣ.

**Мавзуи 1.8 (4 соат). Тасвири библиографӣ ва қоидаҳои умумии тартибдиҳии он**

Тасвири библиографӣ оид ба ҳуҷҷат ва ё ягон қисми муҳимми он ва ё гурӯҳи ҳуҷҷатҳои аз рӯи тартиби муайян ҷобаҷошуда. Унсурҳои асосии тасвири библиографӣ. Сарлавҳаи тасвир, маълумот дар бораи асари нашршуда (ҷои нашр, номи нашриёт, соли нашр), маълумотҳои шуморавӣ (теъдоди саҳифаҳо). Тасвири муаллифӣ (як муаллифа, думуаллифа ва семуаллифа). Тасвири зери сарлавҳагӣ. Тасвири аналитикӣ (мақолаҳо аз рӯзномаву маҷаллаҳо ва қисмҳои муҳимми асар). Нашрҳои бисёрҷилда. Тасвири библиографӣ. Стандарти давлатии тасвири библиографии асарҳои чоп-ГОСТ 7.1- 84/85 ва расмӣ гардидани риояи талаботи стандарти давлатӣ дар чопи асарҳои мухталиф. Кори мустақилона.

**Мавзуи 1.9 (4 соат). Дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографии китобхонаи мактабӣ**

Қисмҳои асосии дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографии китобхонаи мактабӣ ва махсусиятҳои он. Фонди маълумотдиҳӣ-библиографии китобхонаи мактабӣ. Системаи феҳрист ва баргакҳо (картотекаҳо). Фонди маълумотҳои иҷрошуда, мақом, вазифа ва моҳияти он дар хизматрасонии хонандагон.

**Мавзуи 1.10 (4 соат). Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Моддаи 1. Муносибатхое, ки Конуни мазкур танзим менамояд. Қонунгузории ҶТ дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Мафҳумҳои асосӣ. Вазифаи падару модар, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд. Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд.

Мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзандро танзим мекунанд. Уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотхое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзандро танзим мекунанд.

Уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кудак.

**Мавзуи 1.11. (4соат).Тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣва маблағҳои гардони китобҳои дарсӣ**

Талаботи муассисаҳои таълимӣ ба китобҳои дарсӣ. Малағи иҷораи китобҳои дарсӣ. Маблағи иҷораи солҳои чорум ва панҷум.Функсияҳоимасъулин дар самти ба ичора

додани китобҳои дарсӣ.Вазифаҳои Марказ, Шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣва ҳисоботи молиявии Вазорат, Сардори раёсат(мудири шуъба)-и маориф, муҳосиби шуъбаи маориф, Мушовири бахши китобдории раёсат, Муҳосиби муассисаи таълимӣ, Директори муассисаи таълимӣ, Роҳбари синф, Китобдори муассисаи таълимӣ.

**Мавзуи 1.12. (4соат). Саҳми китобдор дар пешгирии қонуншиканӣ, ҷинояткорӣ, коррупсия ва шомилшавии ноболигону наврасон ба гурӯҳҳои террористиву ифротгароӣ**

Маълумот дар бораи терроризм, экстремизм, ифротгароӣ, хурофот. Роҳу усулҳои ҷалби шаҳрвандон ба гурӯҳҳои ифротӣ. Сабаб ва омилҳои ҷалби ҷавонон ба ин гурӯҳҳо. Роҳҳои пешгирии падидаҳои номатлуб. Муқовимат ба коррупсия –қарзи шаҳрвандӣ. Зиракии сиёсӣ.

**Мавзуи 1.13 (4 соат). Хизматрасонии библиографӣ дар китобхонаи мактабӣ ба хонандагон, омӯзгорон ва дигар кормандони мактаб.Ҳуҷҷатнигории мудири китобхона**

Ташкили дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ, маълумотҳои фактографӣ, Мавзуи, электронӣ, хаттӣ, даҳонӣ ва ғ. Хусусиятҳои хизматрасонии библиографии хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ.

**Мавзуи 1.14 (6 соат). Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Вазифаҳои Қонуни мазкур. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил. Забони таҳсил. Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтори низоми маориф. Муассисаи таълимӣ,

сохтор ва намудҳои он. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ. Тартиби бақайдгирӣ ва фаъолияти муассисаи таълимӣ. Муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ. Таълиму тарбияи томактабӣ. Таҳсилоти умумӣ. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Таҳсилоти миёнаи касбӣ. Таҳсилоти олии касбӣ. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Таҳсилоти иловагӣ. Таҳсилоти махсус. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ. Ташкили раванди таълиму тарбия. Мақсад ва шаклҳои танзими давлатӣ дар соҳаи маориф. Идоракунии сифати таҳсилот. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ. Баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ. Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи маориф. Субъектҳои раванди таълиму тарбия. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия. Стипендия ва дигар пардохтҳои пулӣ. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар соҳаи маориф. Мазмуни мақоми омӯзгор. Фаъолияти омӯзгорӣ. Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ӯҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор. Имтиёзҳои

омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Таъминоти моддии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф.

.

## 2. Мавзуъҳои иловагӣ

### Мавзуи 2.1 (4 соат). Кори якҷояи китобхонаи мактаб бо ассосиатсияи волидайн ва омӯзгорон

Аҳамияти ҳамкории китобхонаи мактаб бо дигар ташкилоту муассисаҳо. Ҳамкории китобхонаи мактаб бо Ассосиатсияҳои волидайн ва омӯзгорон, бо Ассосиатсияи китобдорони китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ. Тамоилҳои асосии ҳамкорӣ. Чорабиниҳои мухталифи иттилоотию тарбиявӣ, хониши берун аз синфӣ, худомӯзии кӯдакон ва волидон.

**Мавзуи 2.2 (6 соат). Истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияи навтарин дар кори китобхона**

Истифодаи воситаҳои техникии анъанавӣ дар фаъолияти китобхона (видеомагнитофон, магнитофон, телевизор, филмоскоп, эпидиадоскоп ва ғайра). Истифодаи шаклҳои мухталифи воситаҳои техникӣ вобаста ба шакл ва мазмуни ҳуҷҷатҳои самъбосирӣ (аудиовизуалӣ). Истифодаи технологияи навини иттилоърасонӣ дар китобхона. Технологияи компютерӣ. Почтаи электронӣ. Интернет. Феҳристҳои электронӣ. Ташкили китобхонаи электронӣ ва медиатика.

**Мавзуи 2.3 (4 соат). Шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадами китобхонаҳои ҷумҳуриявӣ ва мактабӣ (амалӣ).Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар кори китобхона**

Шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадами кори китобхонаҳои мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе. Таҷрибаомӯзӣ ва таҷрибаивазнамоӣ чун шакли такмили ихтисос. Таҷрибаомӯзии бевосита ва бавосита. Китобхонаи

ҷумҳуриявии бачагона ба номи Мирсаид Миршакар ҳамчун маркази методии китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ. Ташкил ва истифодаи бонки таҷрибаи пешқадам дар китобхонаи мазкур. Вазифаҳои методист дар омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадам. Матбуоти даврии касбӣ ҳамчун васоити тарғиби таҷрибаи пешқадам (маҷаллаҳои «Библиотековедение», «Библиотека», «Библиотечное дело», ҳафтаномаҳои «Адабиёт ва санъат», «Баҳори Аҷам», «Омӯзгор», «Маърифати омӯзгор», «Маорифи Тоҷикистон», «Русский язык и литература в школах Таджикистана» ва ғайра).

Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар кори китобхона. Ҳуҷҷатнигорӣ дар кори китобхона. Номгӯи ҳуҷҷатҳои расмӣ дар китобхона. Тарзи нигоҳдории ҳуҷҷатҳои расмӣ дар китобхона. Омӯзонидани омӯзгорон бо тарзи нигоҳдории ҳуҷҷатҳои расмӣ дар кори китобхона. Тарзи тайёр намудани ҳуҷҷатҳои корӣ. Шинос кардани таълимгирандагон бо таҳияи ҳуҷҷатҳо (ариза, қарор, фармон, барнома, санад, маълумотнома ва ғайра).

**Адабиёт**


1. Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 1. Аз Ориён то Сомониён. Лондон. 2002.
2. Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 2. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе. 2002.
3. Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 3. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе. 2006.
4. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилдҳои 1-4. Душанбе. 2002; Ҷилди 5. Душанбе. 2005; Ҷилди 6. Душанбе. 2006.
5. Эмомалӣ Раҳмонов. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни Ориёӣ. Душанбе. 2006.

6. Эмомалӣ Раҳмонов. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст. Душанбе - 2007.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2005.
8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳо бо зиёиён, занон ва ҷавонони кишвар.
9. Тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гардони китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ. Душанбе 2022
10. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
11. Шарипов А.Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмонов - Наҷотбахши миллат. Китоби 1. Душанбе. 2006.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе 2013.
13. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2003.
14. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2006.
15. Консепсияи мактаби миллӣ. Душанбе. 2000.
16. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
17. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014».

18. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2005-2010».
19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе. 2007.
20. Фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 292 аз 25.04.2006) «Оид ба беҳтар кардани сатҳи дониш ва дараҷаи ҷаҳонбинии хонандагон дар асоси супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».
21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» Душанбе, 2003.
22. Атахонов Т. Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ (Воситаи таълим. -Душанбе, 2005.
23. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. -Душанбе, 1994.
24. Лутфуллоев М.- Эҳёи педагогикаи тоҷик. -Душанбе, 1997.
25. .
26. Ҳ.Искандаров. Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ (дастури методӣ). Душанбе. 2005.
27. Асосҳои библиография. Барномаи таълимӣ барои донишҷӯёни курсҳои якуми мактабҳои олӣ. Мураттиб С. Муҳиддинов. -Душанбе, 1999.
28. Библиотековедение, Общий курс. Учебник для библиотечных факультетов институтов культуры. (Под. ред. К.И.Абаромова, Н.С.Карташова. -М. 1998.
29. Библиография ва мақоми он дар ҳаёти ҷамъият. -Душанбе, 1986.
30. Библиографическая работа в библиотеке. Организация и методика. Учебник. М: 1990.

31. Библиографические исследования: методология и методика. -М: Книга 1978.
32. ГОСТ 7. 1. -84. Библиографическое описание документа. Общие требования и правила составления. М., 1986.
33. Китоб ва китобдорӣ дар фарҳанги мардумони эронӣ: Маҷмӯаи маколоти илмӣ /Мураттиб С. Сулаймонӣ. - Душанбе. 1992.